**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маматқулова Рано Олимовна дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони Истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XX1): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих). – Душанбе, 2025. – 90 с.**

Рисолаи Маматқулова Рано Олимовна ба яке аз масъалаҳои ниҳоят мубрами таърихи муосири Тоҷикистон - ба омӯзиш ва таҳқиқи шароитҳо ва хусусиятҳои ҳамкориҳои ду ҷумҳуриҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ пеш аз ҳама дар он муайян мегардад, ки муносибатҳои ду кишвар дар сатҳи баланди шарикии стратегӣ қарор гирифта, пайваста аз ҷониби мақомоти олии ҳарду кишвар эътироф ва эълом дошта мешаванд.

Аз ин рӯ, мавзуи рисолаи номзадии Маматқулова Рано Олимовна фарогири масъалаҳои мубрами таърихи давраи нави халқи тоҷик буда, дар доираи консепсияи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунии замони муосир ва ба талаботи илм ҷавобгӯ таҳқиқот сурат гирифтааст.

Муаллиф дар муқаддимаи рисола аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, сарчашмаҳои омӯзиши мавзуи мазкурро нишон дода, ҳамзамон ҳадаф ва мақсади таҳқиқот, навоварӣ ва асосҳои методологии таҳқиқотро хеле хуб ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар рисолаи хеш Маматкулова Р.О. қайд намудааст, ки бо барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон (соли 1992) беш аз дусад созишномаву шартномаҳо дар сатҳи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расидаанд, ки самтҳои асосии ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайраро муайян намудаанд.

Ҳақиқатан, дар созишномаҳо ва шартномаҳо асосҳои муносибатҳои дутарафа муайян карда, эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти якдигар, баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, ҳаракат ба робитаҳои иқтисодии мутақобила таҷассум ёфтаанд.

Сохтори диссертатсияи Маматкулова Р.О. мувофиқи қоидаҳои қабулшуда дуруст тартиб дода шуда, он ҷавобгӯи корҳои илмӣ мебошад ва ҳар бобу банд якдигарро такмилу пурра мекунад ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ишораҳои библиографӣ ба қоидаҳои қабулшуда мувофиқат мекунанд

Ҳамчунин, дар хулосаи диссертатсия ақидаи муаллиф роҷеъ ба мавзуъ оварда шуда, пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси пазирой аст. Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод мешаванд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ, бо истифодаи ақидаҳои маъмули пазируфтаи илми таърих мувофиқ мебошанд. Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳо ва хулосаҳое, ки дар раванди омӯзиши таърихи муносибатҳои баналмилалии замони истиқлоли ҷумҳурияҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 90-ӯми асри XX ва даҳсолаҳои аввали асри XX1 истифода мешаванд, то андозае хислати навгонӣ доранд.

Муҳаққиқ Маматкулова Р.О. дар таълифи диссертатсия аз маводи зиёди илмӣ истифода намуда, ақидаҳои муаллиф бо далелҳои илмӣ асоснок гардида, диссертант асару мақолаҳои дигар муаррихони муосир ва мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатия мавриди қиёс ва тахдил қарор додааст.

Хулоса, дар асоси мазмуни автореферат - метавон гуфт, ки рисолаи номзадии Маматқулова Р.О. татқиқоти баанҷомрасонида мебошад. Автореферати рисола мазмуни онро дуруст инъикос менамояд.

Бо назардошти мулоҳизаҳои баёнёфта, метавон гуфт, ки рисолаи номзадии баррасишаванда ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф бо камоли касбӣ ба ҳалли мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошта ноил гардидааст. Дар автореферат, мазмуни рисола дуруст инъикос ёфта, бо боварии том муҳаққиқ Маматқулова Рано Олимовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Мукарриз**:
номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Қобилов З.З.**

«Имзои Қобилов З.З. -ро тасдиқ мекунам»:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Сайдуллозода З.С.**

05.05.25

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хуҷанд, куч. Мавлонбеков, 1.
Тел.: +992 3422 67518; +992 3422 6 52 73
Поч.эл.: rector@hgu.tj http://hgu.tj